«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
«27» _____05_____ соли 2025

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мавзуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки Абдуллоҳи Шабровӣ аз мутафаккирони ношинохтаи фалсафа ва адабиёти классикии мо мебошад. Шинохти осору аҳволи вай на ин ки як гӯшаи торику наомӯхтаи илми гузаштаи тоҷикро равшан месозад, балки ба ин васила, хусусан таълимоти ахлоқии вай метавон насли ҷавонро дар доираи ахлоқи ҳамида ва худшиносии миллӣ тарбият кард. Тавре диссертант менависад, мубрамии таҳқиқи осори Абдуллоҳи Шабровӣ, махсусан «Унвону-л-баён», аз он бармеояд, ки осори ӯ на танҳо дар доираҳои илмии Тоҷикистон, балки дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур мубрам буда, таҳлилу таҳқиқи воқеъбинонаи «Унвону-л-баён» мавриди баҳси рисолаи мазкур гардидааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба сарчашмаҳои илмӣ ва пажуҳишҳои дигар олимон, ки марбут ба мавзуи тадқиқот мебошанд, махсусан ба мавод ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо муроҷиат намуда, мавзуро мувофиқи методологияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар охири ҳар як зербобу боб, инчунин дар охири рисола овардашуда, метавонанд мазмуни кори илмиро инъикос намуда, аз ҷиҳати илмӣ хусусияти навоварона доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Аз мазмун ва мундариҷаи диссертатсия маълум мегардад, ки «Унвону-л-баён»-и

Абдуллоҳи Шабровӣ дар Тоҷикистон аввалин маротиба таҳқиқу баррасӣ гардида, ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда шудааст. Навгониҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ диссертант ба даст овардааст комилан хусусияти илмӣ доранд. Диссертант навовариҳои диссертатсияро дар 6 банд дарҷ кардааст, ки асосан фарогири ҳаёту фаъолият ва осори Абдуллоҳи Шабровӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ва такмилдиҳандаи илми ахлоқ мебошанд. Ҳамчунин диссертант сарчашмаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир, шабоҳату фарқияти андешаҳои ахлоқии ӯро бо таълимоти ахлоқии Арасту, Насриддини Тусӣ, Ҷалолиддини Давонӣ ва дигарон нишон додааст. Ғайр аз ин, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки рисолаи «Унвону-л-баён»-и мутафаккир, ҳамчун дастури таълимии ахлоқ аз диди фалсафӣ таҳлилу баррасӣ гашта, ҷойгоҳи он дар раванди тарбияи ахлоқии ҷавонон муайян карда шавад. Илова бар ин, диссертант муайян менамояд, ки яке аз масъалаҳои меҳварии баҳси ахлоқ дар таълимоти мутафаккир масъалаи фазилат ва разолат буда, бори аввал баррасӣ ва мавриди омӯзишу таҳқиқи фалсафӣ қарор мегирад. Дар ниҳоят диссертант имконияти истифодаи таълимоти ахлоқии рисолаи «Унвону-л-баён»-и мутафаккирро дар ҷомеаи муосир барои насли ояндасоз нишон дода, роҳи дурусти истифода аз он, хоса дар шароити Тоҷикистонро пешниҳод кардааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия аз аҳамияти илмию амалӣ ва иҷтимоӣ холӣ нест. Натиҷаҳои бадастовардаи диссертант дар кори диссертатсионӣ ва хулосаҳои онро метавон дар омӯзиши минбаъдаи таълимоти ахлоқии мутафаккирони дигар, хусусан олами Шарқ истифода намуд. Маводи таҳқиқшудаи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои дарсӣ, машғулиятҳои лексионӣ ва семинарҳо доир ба масълаҳои ахлоқ, таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг ва монанди инҳо истифода кард. Истифодаи натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар барномаю китобҳои дарсӣ метавонад дар тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии миллии насли ҷавони ҷомеаи Тоҷикистон таъсири мусбат гузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Маълумоти дақиқ, таҳлилҳои амиқ ва мудаллал, инчунин ҳаҷми мувофиқи маводи таҳқиқотӣ ва коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар таҳияи диссертатсия саҳми асосиро худи диссертант гузоштааст. Тарзи навишт, таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми муаллифро дар пажуҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз мустақилона интихоб кардани мавзуъ ва дарёфти иттилоот, инчунин таҳлили он иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мазмун, муҳтаво ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 6 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди «Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ)», «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ», «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ» чоп шудаанд, дарҷ ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератсия.** Диссертатсия кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шудааст. Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва дар маҷмӯ аз 166 саҳифа иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардидаанд. Илова ба ин, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назарию амалӣ кори диссертатсонӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Вазъияти иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ахлоқии иншои “Унвону-л-баён”** аз се зербоб иборат аст. Зербоби якум **“Ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шабровӣ”** буда, дар он маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абдуллоҳи Шаборвӣ, тасвири вазъи сиёсӣ-иҷтимоии асрҳои XVII ва XVIII Миср оварда шудааст. Диссертант дар ин зербоб рӯйхати осори мутафаккир дар 11 номгӯй оварда, онҳоро мувофиқи мундариҷа ва мазмун ба се бахш тақсим кардааст: 1.Адабӣ. 2.Таърихӣ. 3.Фалсафӣ-ахлоқӣ. Тавре диссертант менависад, ба таълимоти ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ, ки мафкураи табақаҳои меҳнаткаши ҷомеаро инъикос мекард, як некбинии фараҳбахш – орзуи ояндаи нек ва боварии қатъӣ ба ҷорӣ гардидани адолати иҷтимоӣ хос аст. Мутафаккир масъалаҳои ҳаётан муҳими иҷтимоӣ ва эътирози табақаҳои мазлуми ҷомеаро бар алайҳи зулму истибдод инъикос менамуд..

Дар зербоби дуюм – **“Сарчашмаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии Шабровӣ”** мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ташаккули ҷоҳонбинии Абдуллоҳи Шабровиро диссертант на дар муддати кутоҳ, балки дар давоми тамоми умри ӯ нишон додааст. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Шабровиро диссертант дар се зинаи бо ҳам алоқаманду пайвади назариву амалӣ: 1) маърифат ё шинохт (худшиносӣ), 2) арзёбӣ, 3) натиҷагирӣ нишон додааст. Ба навиштаи диссертант Шабровӣ ҳамчун мутафаккири тамоюли фалсафӣ дошта, бешубҳа асарҳои Арастуро пурра мутолиа кардааст. Яъне дар ташаккули афкор ва ҷаҳонбинии Шабровӣ мутафаккирони Юнони Қадим нақши бузург гузоштаанд. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Шабровӣ диссертант таъсири

мутафаккирони асримиёнагии шарқиро низ, аз қабили Ал-Киндӣ, Форобӣ, Ибни Рушд ва дигарон, ҳатто фалсафаи Эрону Ҳинд, ҳикматҳои Анушервони Одилу Бузургмеҳр, "Калила ва Димна" ва ғайраро муассир мешуморад. Вале, ба назари диссертант, ба таълимоти ахлоқии Шабровӣ ҳамоно таъсири Арасту ва осори ахлоқии вай нақши калидӣ дорад. Диссертатсия нишон медиҳад, ки дар илми фалсафа, ахлоқ ва ҷомеашиносӣ Шабровӣ назари тозаи худро пешкаш кардааст. Махсусан дар ҳавзаҳои илмии Миср, Шом, Осиёи Хурд, Покистон, Ҳиндустон, Хуросону Мовароуннаҳр ва монанди инҳо омӯзиши афкори фалсафӣ-ахлоқии Шабровӣ дар асрҳои XVIII-XIX хеле афзудааст. Аз ҷониби дигар диссертант менависад, ки масъалаҳои ахлоқ, ки дар таълимоти Шабровӣ инъикос гардидаанд, аз ҷиҳати мазмун ва шакл ба таълимоти ахлоқии Насриддини Тусӣ ва Ҷалолиддини Давонӣ шабоҳат дорад.

Дар зербоби сеюми боби якум – **«Унвону-л-баён» – дастури таълимии илми ахлоқ"** таърих, сохтор, мундариҷа ва мазмуну моҳияти рисола баррасӣ карда мешавад. Диссертант менависад, ки Шабровӣ маҳз бо ин асари худ дар илми ахлоқ нақши босазое дорад. Ба қавли диссертант дар гузашта таъсири ин асар дар тарбияи ахлоқии ҷомеа таъсири бағоят назаррас доштааст, зеро рисолаи мазкур дар мамлакатҳои Араб, Ҳинд ва Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун асари тарбиявӣ-ахлоқӣ эътироф гардида будааст. Ба навиштаи диссертант рисолаи мазкур дар Мовароуннаҳру Хуросон дар баробари осори ахлоқии дигар мутафаккирон ба монанди: "Илму-л-ахлоқ"-и Арасту, "Ахлоқи носирӣ"-и Насриддини Тусӣ, "Бӯстон" ва "Гулистон"-и Шайх Саъдӣ, "Футувватномаи султонӣ", "Ахлоқи муҳсинӣ" ва "Рисолаи ҳотамия"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Ахлоқи ҷалолӣ"-и Ҷалолиддини Давонӣ ва ғайраҳо барои ба низом даровардани муносибатҳои ахлоқӣ таълим дода мешуд. Дар ин зербоб диссертант рисолаи мазкурро ҷузъ ба ҷузъ баррасӣ намуда, аз он иқтибосе меорад, ки ба Бузургмеҳр мутааллиқ аст ва ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки Шабровӣ дар таҳияи рисолаи худ то кадом андоза ба ҳакимону донишмадони қаблазисломии форс ва панду андарзҳои ахлоқии онҳо муносибати некбинона дорад ва берун аз ҳар гуна таассубу хурофоти динӣ мебошад. Диссертант рисолаи мазкурро асосан дар ҳафт услуб мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия **"Андешаҳои ахлоқии Абдуллоҳи Шабровӣ дар «Унвону-л-баён»"** буда, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – **"Моҳият ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқ дар «Унвону-л-баён»"** – ба таҳлили категорияҳои мусбату манфии ахлоқӣ бахшида шудааст. Тавре қаблан ҳам зикр шуд, ба таҳқиқи диссертант Шабровӣ дар асараш "Унвону-л-баён" категорияҳои ахлоқиеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки аксарияти он категорияҳоро Арасту дар "Ахлоқи никомах"-и худ, вобаста ба замони зиндагиаш маънидод карда, тавзеҳ додааст.

Вале диссертант бар он бовар аст, ки Шабровӣ категорияҳои ахлоқиро дар пайравӣ ба Арасту бошад ҳам, аммо вобаста ба замони худ шарҳу тавзеҳ додааст. Ба назари диссертант аз моҳият ва хусусиятҳои категорияҳои ахлоқие, ки Шабровӣ дар рисолааш баён кардааст, маълум мегардад, ки дар маркази таълимоташ инсони аз тамоми разолатҳо пок қарор дорад ва дар сиришти он тамоми фазилатҳо ниҳонанд. Ҷавҳари таълимоти ин мутафаккирро маҷмуи арзишҳои инсонгароӣ ташкил медиҳанд. Пас аз баррасиҳо ва таҳлилҳои доманадор диссертант дар ин зербоб низ ба хулосае меояд, ки Шабровӣ дар баррасии масъалаҳои ахлоқӣ пайваста ба осори ахлоқии машҳур, чун осори Арасту, Насриддини Тусӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Ҷалолуддини Давонӣ доштааст ва назарияи хосси худро ба шакли дастури таълимӣ барои донишандӯзон пешкаш кардааст.

Дар зербоби дуюм – **“Масъалаи фазилат ва разолат аз нигоҳи Шабровӣ”** вижагиҳои ин ду категорияи меҳварии ахлоқ баррасӣ мегарданд. Назар ба қавли диссертант зери ин мафҳум тамоми аъмоли хайр ва неки инсон ба монанди «адолат», «саховат», «мурувват», «вафо», «сидқ», «ҳилм», «ҳаё», «иффат», «сабр», «шуҷоат», «зуҳд», «афв», «эҳсон», «тавозуъ», «қаноат» ва амсоли инҳо фаҳмида мешавад. Диссертант мафҳуми “фазилат”-ро мафҳуми калидии осори ахлоқии Шабровӣ мешуморад ва менависад, ки инсон «фазилат»-ро маҳз бо таҳаммул кардани заҳмат ва машаққатҳо касб менамояд ва мояи ифтихори худ месозад. Диссертант андешаи мутафаккиро шарҳ дода менависад, ки пеш аз ҳама ин заҳмат ва машаққатҳо дар роҳи омӯхтани илму адаб ва ба даст овардани маърифат мебошад, зеро илм нур аст ва дар муқобили тамоми ҷаҳолатҳо қарор дорад. Ба ташреҳи диссертант ягона нуре, ки инсонро аз ҷаҳолат ва зулмат мераҳонад ва ба олами саодат мерасонад, аз назари Шабровӣ, илм аст.

Дар ин зербоб диссертант назару андешаҳои Шабровиро дар мавриди касбу ҳунар, хайрхоҳӣ, ҳақиқатҷӯӣ, одоби ҳамсоядорӣ, ҳамчунин сифатҳои ахлоқи разила, аз қабили «адоват», «беҳаёӣ», «ғайбат», «ғазаб», «дурӯғ», «душманӣ», «зулм», «исроф», «макр», «мардумозорӣ», «нодонӣ», «ношукрӣ», «суханчинӣ», «туҳмат», «фитна», «фурӯмоягӣ», «фиреб», «хасисӣ», «хиёнат», «хушунат», «ҳасад», «ҳирс», «ҷаҳолат» ва ғараҳо мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **“Мавқеи таълимоти ахлоқии “Унвону-л-баён” дар замони муосир”** таълимоти ахлоқии мутафаккири мисрӣ дар самти имкони таъсири он ба ҷомеаи имрӯзаи тоҷик ва минтақа баррасӣ шудааст. Дар зербоби мазкур диссертант ба тарбияи дурусти насли ҷавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфии ахлоқи кишварҳои бегона, бегонапарастӣ, тақлид ба фарҳанги бегона, шомил шудан ба гурӯҳҳои

ифротгарои хориҷӣ, дарк карда натавонистани моҳияти дин, худшиносӣ, ҳифзи марзу бум, суханҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати тарбияи ватандӯстӣ ва ғайра ба тафсил баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳои диссертатсия дар 7 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 4 банд пешкаш гардида, мазмуну моҳияти корро ифода карда метавонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқотро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб - Аминов Бахтиёр Усмонович ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

**Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад**, ки диссертант Аминов Б.У. вобаста ба мавзуи тадқиқот сарчашмаҳо ва маводи заруриро бо забонҳои гуногун гирд овардааст. Баъдан, дар доираи методологияи илми фалсафа онҳоро мавриди таҳқиқ карор додааст ва дар ниҳояти кор хулосаву пешниҳодҳои худро баён кардааст. Таҳлилҳо, баррасиҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия барои илму ҷомеаи муосири тоҷик ва умуман кишварҳои Шарқ аз назари тарбияи ахлоқӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест:

1. Зербоби 3-юми боби дуюм "Мавқеи таълимоти ахлоқии «Унвону-л-баён» дар замони муосир" ном дорад ва диссертант аз таъсири асари мазкур ба ҷомеаи муосири тоҷик, хусусан дар автореферат сухан рондааст. Вале на дар диссертатсия ва на дар автореферат диссертант таъсири асари мазкурро ба ҷомеаи муосири тоҷик бо далелҳо нишон надодааст;

2. Аз рӯйи мазмун ва муҳтаво зербоби 3-юми боби дуюм “Мавқеи таълимоти ахлоқии «Унвону-л-баён» бо суханони умумӣ баён гардида, ба назар камаҳамият менамояд;

3. Савол ба миён меояд, ки оё асари Шабровӣ «Унвону-л-баён» ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст ё не? Агар тарҷума нашуда бошад, оё диссертант забони арабиро медонад ё не?

4. Дар диссертатсия ва автореферат иштибоҳоти услубию техникӣ ва хусусан фарҳанги техникӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Чунончи: диссертант Арастуро дар қатори мутафаккирони асрҳои миёна ҷой додааст с. 3; диссертант менависад: “Мутафаккироне, ки то замони Абдуллоҳи Шабровӣ ба сар бурдаанд” с. 4. Чиро ба сар бурдаанд? Мантиқ? Калкаҳои эронии ғайримантиқӣ ва ғайритоҷикӣ чӣ даркор? Иштибоҳоти техникӣ “гуноҳҳон”, “афарод” (Автор. с. 33), “кадимтарин” (Автор. с. 34). “Ахлоқи Носирӣ” гоҳ Носирӣ бо ҳарфи калон ва гоҳ бо ҳарфи хурд навишта шудааст. Ахлоқи Никомах, Ахлоқи Ҷалолӣ низ ҳамчунин. Сархатҳои нодуруст, фосилаҳои зиёд дар байни калимаҳо ва ғайра хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Бинобар ин, ҳам диссертатсия ва ҳам автореферат ба таҳрири ҷиддӣ ниёз доранд.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқарраградида барои дарёфти дараҷаи илмии **илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа** таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умуми оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Аминов Бахтиёр Усмонович дар мазуи «Масъалаҳои ахлоқ дар рисолаи «Унвону-л-баён»-и Абдуллоҳи Шабровӣ» барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Султонзода Соқӣ Аслон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи № 11 аз 19 майи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -17 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Саидзода Г.З.**

**Эксперт:**
д.и.ф., профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **А.С. Султонзода**

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Ш. Бердиев**

Имзои н.и.ф., дотсент Саидзода Г.З., д.и.ф., профессор А.С. Султонзода, ва н.и.ф., дотсент Ш. Бердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **А. Мустафозода**

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj
«20» майи соли 2025